Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**Тақризи муқаррizi расмӣ, ба диссертатсияи Расулзода Рухсора дар мавзӯи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Забон на танҳо василаи фикру андеша ва муоширати байниҳамдигарии одамон маҳсуб мегардад, балки дар ташаккули ҳувияти миллӣ ва бедории фикрии соҳибзабонон низ нақши муассир мегузорад. Ҳамин аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи забон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Сиёсати забонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дар рушду инкишоф ва устувории муносибатҳои миллӣ ва вазъияти забонӣ нақши муҳим дорад.

Кори диссертатсионии Расулзода Р. аз бисёр ҷиҳат муҳим ва актуалӣ ба шумор меравад. Дар таҳқиқоти илмии мазкур сиёсати забонӣ ҳамчун унсури муҳими рушди давлатдории миллӣ нишон дода шуда, ҳадаф ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Равандҳои таърихии сиёсати забонӣ ба таври комил таҳлил гардидаанд.

Мубраммияти диссертатсионии Расулзода Р. дар он зоҳир мегардад, ки нақш ва мавқеи забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки рушди забон дар таҳуими давлатдории миллӣ аҳамияти муҳим дорад, махсусан дар давраи мураккаби ҷаҳонишавӣ аз ҳарвақта дида аҳаммиятноктар мегардад. Бо ҳамин мақсад дар кори мазкур, масъалаҳо, мушкилот ва дурнамои рушди забони тоҷикӣ нишон дода шудааст.

Қобили зикр аст, ки забони тоҷикӣ – ин ёдгории маънавии халқи тоҷик буда, ҳамчун оинаи таърихи деринаи халқамон инъикосгари расму оин ва анъанаҳои милливу давлатдории мо мебошад. Барои гузаштагони мо ифтихор аз Ватан ва забон ҳамеша ангезандаи эҳсоси олӣ буда, дар ҳама давру замон аз ҷумлаи мафҳумҳои муқаддастарин арзёбӣ гардидааст. Ба ин маънӣ, забони давлатӣ, бешубҳа, таҷассумгари таърихи халқи тоҷик мебошад. Имрӯз забони тоҷикӣ ба ҳайси забони миллӣ ва давлатӣ дар мақоми забони сиёсат, илму фарҳанг, қонунгузорӣ, равобити дипломатӣ, тиҷорат ва дигар воситаҳои иртибот қарор дорад. Муҳимтар аз ҳама, имрӯз забони давлатӣ ҳамчун рамзи ҳамбастагӣ ва иттиҳоди тамоми сокинони Тоҷикистон мебошад. Инкишофу рушди забон нишондиҳандаи пешрафти миллат ва давлат аст. Дар даврони истиқлолияти сиёсӣ доираи истифодаи забони давлатӣ чи дар корҳои давлатдорӣ ва чи дар арсаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ инкишофу рушд ёфт.

Навовариҳо  ва хулосаҳои дар кор пешниҳодгардида аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ доранд. Дар кори мазкур масъалаҳои назариявии таҳқиқоти сиёсӣ нисбати сиёсати забони давлатӣ, хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати забонӣ ва мазмуну моҳияти он, масъалаҳои татбиқи сиёсати забонӣ ва технологияҳои сиёсӣ, масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати забонӣ дар Тоҷикистон ҳамчун навоварӣ ба таври пурра нишон дода шудааст  ва сиёсати забонӣ ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ таҳлил карда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳлилҳои дар он анҷомдодашуда оид ба сиёсати забонӣ барои рушди минбаъдаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ҳам ҷиддитар муносибат кардан ба масъалаи мазкур мусоидат хоҳад кард. Инчунин, ба муҳаққиқони сиёсатшинос метавонад ҳамчун маводи илмӣ хизмат намояд. Масъалаи таҳқиқ ва таҳлилу пешниҳодҳо барои баз ҳам тақвият бахшидан ба татбиқи сиёсати забонӣ ин масъалаи таҳқиқи на танҳо забоншиносон мебошад, балки ҷанбаҳои сиёсии масъалаи забонро барои боз ҳам васеътар омӯхтан имконпазир мегардад ва дар ин самт роҳи васеъро мекушояд. Натиҷаҳои онро метавон дар амалияи сиёсати забони давлатӣ дар ҷумҳурӣ ва баҳри боз ҳам тақвият додани забони давлатӣ истифода намуд.

Муаллиф қайд намудааст, ки яке аз масъалаҳои асосӣ дар рушди минбаъдаи забони давлатӣ ин мутобиқгардонии забони мо ба тағйироти дар ҷомеаи Тоҷикистон, кишварҳои ҳамсояи ҳамзабон ва умуман ҷаҳони муосир ба вуқуъ пайваста, назорат аз болои тағйироти забонӣ дар даврони ҷаҳонишавӣ ва амалӣ сохтани сиёсати оқилона аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар соҳаи забон аст. Пеш аз ҳама, демократикунонии минбаъдаи забон, беҳбуди истилоҳсозӣ, ҳимояи асосноки забони давлатиро аз тағйироти дар иқтисодиёт ва соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоии ҷомеа бар асари ҷаҳонишавӣ баамаломада тақозо мекунад.

Муқаррароти асосии диссертатсияи мазкурро метавон дар лексияҳо ва курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба масъалаҳои сиёсати забонӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ истифода намуд. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар кор нишондодашуда метавонад дар пешбурди сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Қайд гардидааст, ки забони тоҷикӣ ҳамчун омили муҳимми пойдории миллат ва давлатдории миллӣ аз ҷониби давлат ҳимоя ва нигаҳдорӣ мешавад. Аз ин рӯ, сиёсати давлат дар бораи забон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири сиёсати давлатӣ дар таъмини рушди бомароми забони давлатӣ ва забонҳои дигари ҷумҳурӣ равона шудааст. Забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

Дар кори диссертатсионии мазкур нишон дода шудааст, ки аввалин кӯшишҳо барои муайян намудани мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ сурат гирифта буданд. Масъалаи забон ҳамеша ба сиёсати давлатдорӣ дар робита қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забон силсилаи

қонуну қарорҳо, тадбирҳо андешида шуданд, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ ташкил карда шуданд.

Таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати сиёсати давлатии забон аз тарафи муаллиф ба таври мушаххас нишон дода шуда, он барои аксари кишварҳо ҳамчун намунаи хубе ҳисобида шудааст. Давлат бояд ғамхори забон бошад. Ғамхорӣ нисбат ба забон эҳтиром ва арҷгузорӣ ба гузаштаи таърихӣ, фарҳангӣ ва неруҳои ақлонии миллат ба шумор меравад. Воқеан, агар чунин намебуд, мо имрӯз аз амирони Сомонӣ бо ифтихор ёд намекардем, онҳоро поягузорони аввалин давлати тоҷикон намехондем. Албатта, масъалаи сиёсат дар самти забон он вақт дар асоси кадом чораву тадбирҳо танзим мешуд, барои мо имрӯз чандон равшан нест. Аммо он чиз аён аст, ки маҳз, ғурури миллӣ ва рӯҳияи хештаншиносии амирони Сомонӣ боис гардид, ки истиклолияти комили забони тоҷикӣ ё, чунон ки он вақт мегуфтанд, забони «порсии дарӣ» таъмин гардад, забони порсии дарӣ ба пояи баланди давлатдорӣ, сиёсат, дипломатия ва илму адаби оламгир гузошта шавад. Ин поя ба дараҷае устувор ва пойдор гузошта шуда буд, ки дар давоми ҳазор сол зимоми давлатдорӣ дар дасти аҷнабиён ва намояндагони қавмҳои турк қарор дошта бошад ҳам, касе онро халалдор карда натавонист. Балки тавассути ҳамин зимомдорон ҳатто ба кишварҳои дигар, аз ҷумла ба Ҳиндустон нуфуз карда, забони давлатдорӣ ва мактабҳои адабию фарҳангӣ қарор гирифт

Расулзода Р. масъалаи сиёсати забон ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни онро дар шароити соҳибистиқлолӣ бо диди нав нишон дода, кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз таҳлили сарчашмаҳои илмӣ паҳлуҳои гуногуни масъаларо равшан намояд. Масъалаи сиёсати забонӣ як аз масъалаҳои муҳимме ба шумор меравад, ки ҳамаи давлатҳо ба он аҳаммияти махсус медиҳанд. Зеро забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

Масъалаи сиёсати забонӣ ва хусусиятҳои он яке аз мавзуъҳои муҳим дар илмҳои сиёсӣ дониста мешавад. Рушди бесобиқаи ҷаҳони муосир, махсусан, пешрафти техника ва технологияҳо ба ҳамаи самтҳои зиндагӣ ва фаъолияти одамон таъсири рӯзафзун гузошта истодааст.

Мусаллам аст, ки чунин пешравӣ бо рушди забон робитаи қавӣ дошта, ба ташаккулёбӣ ва ғановатманд гардидани таркиби луғавии он мусоидат менамояд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбат зуҳуроти манфии таъсиргузор, пеш аз ҳама, ба забону фарҳанг ва либоси миллӣ низ доранд. Бинобар ин, масъалаи сиёсати забонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, таҳқиқоти комили илмиро тақозо дорад.

Дар раванди таҳқиқот принсипҳои умумиилмӣ, ба монанди объективият, таърихият, системанокӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва инчунин усулҳои иҷтимоӣ – сиёсии таҳлили вазъи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот корҳои бунёдии олимони шинохтаи хориҷӣ ва ватанӣ, қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати забонӣ истифода шудааст. Инчунин

асоси таҳлилу таҳқиқ аз асарҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он масъалаҳои марбут ба сиёсати забон ва дурнамои инкишофи забони давлатӣ дахл карда шудааст, сарчашма мегирад.

Таҳқиқоти илмии Расулзода Р. аз сарсухан, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад ва бо истифода аз методологияи дурусти интихобшуда навишта шудааст. Объекти таҳқиқотро сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он ва мавзуи таҳқиқотро сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқотҳои марбути кори диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ нашр шудаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи интихобгардида асоснок карда шунишон дода шуда, дараҷаи омӯхта шудани масъала баррасӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навоварии илмӣ, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми таҳқиқот - “Сиёсати забонӣ унсури муҳимми рушди давлатдории миллӣ” сиёсати давлатӣ оид ба забон ҳамчун фаъолияти мақсаднок, ки мақомоти давлатӣ, сохтори сиёсӣ ва ҷамъиятӣ баррасӣ гардида, таҳлили заминаи таърихӣ ва ҷанбаҳои назариявии масъалаи мазкур мавриди таҳлил қарор ёфтаанд.

Параграфи якуми боби мазкур - “Асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати забонӣ” ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявию таърихии сиёсати забон бахшида шуда, ҷанбаҳои илмии масъала аз нуқтаи назари мактабҳои илмии гуногун мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки забон воситаи асосии ташаккулёбии ҳувияти гурӯҳӣ ва меъёри асосии худшиносӣ ба шумор меравад. Маҳз чунин қонуният забонро ҳамчун воситаи сиёсат ва ҳамзамон объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ муайян менамояд.

Дар параграфи дуюми боби аввал - “Хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати забонӣ дар шароити ҳозираи инкишофи Тоҷикистон” заминаҳои таърихӣ ва сиёсии масъалаи сиёсати забон таҳлил гардидаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки баъди ба даст овардании истиқлолияти сиёсӣ вазъи кишвар ба таври куллӣ тағйир ёфт. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳаёти ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, даврони нави сиёсӣ ва иқтисодии рушд оғоз ёфт.

Истиқлолияти сиёсӣ барои рушди доираи корбурди забони давлатӣ дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа имконияти мусоид фароҳам овардааст. Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавре ба роҳ монда шудааст, ки дар амалӣ намудани он ҳамаи сокинони кишварро лозим аст, ки якҷоя кӯшиш намоянд. Дар ин кор сахми воситаҳои ахбори омма бояд назаррас бошад ва масъулони он ба покизагии забон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, зеро воситаҳои ахбори омма оинаи забони миллӣ маҳсуб меёбанд. Забон муҳимтарин унсури

муайянкунандаи ҳастии ҳар миллат аст. Бинобар ин, саъю талош барои эҳёву рушд ва корбасти забони миллӣ ба ҳайси забони давлатӣ ва ҳатмӣ гардонидани риояи он дар тамоми ташкилоту муассисаҳои кишвар як амри комилан қонунӣ ва ниҳоят муҳим мебошад..

Дар боби дуюми диссертатсия - "Ҳадафҳо ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон" ба таҳлили амиқи сиёсати забонӣ бахшида шуда, вазъи сиёсати забони давлатӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ба масъалаҳои рушди устувори забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ мунтазам таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мақоми онро ҳимоя мекунад. Зеро маҳз забони давлатӣ дастовардҳо ва ҳастии моддиву маънавии мардуми кишвари моро дар дохил ва хориҷи он муаррифӣ менамояд. Забони тоҷикӣ дар ташаккули маънавии мардум, ташаккули идеологияи миллӣ нақши бузург дорад. Дар марҳалаи имрӯзаи рушди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ ба як қатор масъалаҳо бояд бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш ба муносибати рӯзи забон як қатор масъалаҳоеро баррасӣ намудаанд, ки қобили қайд аст. Аз қабили таҳқиқи фарогири лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ, истифода аз захираи луғату истилоҳоти ҳамзабонон, масъалаи забони меъёр ва ҳусни баён, татбиқи қонуни забон.

Параграфи якуми боби дуюми диссертатсия - "Сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон ва масъалаҳои технологияи сиёсии татбиқи онҳо" ба таҳлили равандҳо ва падидаҳои муосири забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз таҳлили равандҳои муосири Тоҷикистон маълум мегардад, ки аввалин кӯшишҳои истиқлолиятхоҳӣ аз масъалаҳои забонӣ ва мустаҳкам намудани мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ба миён омаданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати соҳибистиқлол имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ рушд намуда истодааст. Дар ин замина, ҳифзи арзишҳои миллӣ бисёр муҳим мебошад. Хусусияти Тоҷикистон дар он аст, ки минтақаҳои танзими гурӯҳҳои этникӣ бо сарҳадҳои давлатӣ мувофиқ нестанд. Тоҷикон, Тоҷикистон ва тоҷикистониён дар саросари ҷаҳон ва тамаддунҳои мухталиф қарор доранд ва танҳо таносуби дурусти сиёсат дар саросари ҷаҳон сулҳ, субот ва рушди устуворро таъмин хоҳад кард. Самти сиёсии яке аз гурӯҳҳои этникӣ ва динӣ, ба монанди фоҷиа, ба мисли он, ки дар аввали солҳои 90-ум пайдо шуда буд, ҳангоми кӯшиши хароб кардани табиати дунявии давлат сурат гирифт. Бинобар ин, зарурати муҳимтарини устувории геополитикии минтақаи сарҳадӣ ва мақоми геополитикии Тоҷикистон - татбиқи тавозуни сиёсат, мувофиқат ва ваҳдат бо номи сулҳ, субот ва рушд мебошад.

Параграфи дуюми боби дуюми диссертатсия "Сиёсати забонӣ яке аз унсурҳои таркибии инкишофи иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ" ба таҳлили нақши забони давлатӣ дар ташаккули идеологияи миллӣ ва таъсири он ба ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ нигаронида шудааст.

Қайд гардидааст, ки истиқлолият барои рушду ташаккули фарогири забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ имконоти мусоидро фароҳам овардааст. Маҳз, дар ин давраи таърихӣ давлатдории навин забони миллӣ ҳамчун неру ва омили муҳимми иттиҳоди миллату халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ пазируфта ва шинохта шуд. Масъалаи забон ҳамеша ба сиёсати давлатдорӣ дар робита қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забон силсилаи Қонуну қарорҳо, тадбирҳо андешида шуданд, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ ташкил карда шуданд.

Заминаҳои бунёдии роҳи ташаккули сиёсати забон – боло гирифтани ифтихори миллӣ, густариши андешаҳои зиёиёни пешқадам, коркарди тадбирҳои старатегии давлатӣ, ташкили силсилаи чорабиниҳои давлат оид ба таҳкими пояҳои иҷтимоӣ ва рушди забон, ҳамчунин роҳу василаҳои гуногуни ба амал баровардани ин тадбирҳо мебошад. Ҳукумати Тоҷикистон минбаъд низ ба масъалаҳои рушди устувори забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мақоми онро ҳимоя мекунад. Чунки маҳз, забони давлатӣ дастовардҳо ва ҳастии моддиву маънавии мардуми кишвари моро дар дохил ва хориҷи он муаррифӣ менамояд.

Параграфи сеюми боби дуюми диссертатсия - “Мақом ва накши Истиқлоли сиёсӣ таҳкими сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон: дарёфти роҳу воситаҳои зиддиятҳо ва муқовиматҳои эҳтимолӣ” мебошад. Дар параграфи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки волотарин дастоварди сиёсӣ дар таърихи Тоҷикистони навин соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ мебошад. Дар параграфи мазкур муалиф доир ба дастовардҳои замони истиқлол, рушди инкишофи забони тоҷикӣ дар ин давра таҳлилҳо анҷом дода, таҳдиду хатарҳои эҳтимолиро вобаста ба забон нишон додааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсияи Расулзода Р. баъзе норасоиҳо ва камбудиҳо низ ҷойд доранд ва хуб мешуд, ки диссертант дар корҳои минбаъдаи худ ин тавсияҳоро ба инобат мегирифт:

1.Мавзӯи сиёсати забониро диссертант Расулзода Р. ба таври бисёр комил мавриди таҳлил қарор додааст, аммо роҳҳои татбиқи он дар кишвари мо ба таври мушаххас пешниҳод нагардидааст. Мақомотҳои татбиққунандаи сиёсати давлатии забон оварда нашудаанд.

2. Чуноне ки медонем, мавзуи бозгашт ба алифбои арабиасос яке аз масъалаи баҳснок миёни олимони соҳа ба ҳисоб меравад. Дар кори диссертатсионии худ Расулзода Р. вобаста ба ин масъала фикру андешаҳои муҳаққиқони гуногунро нишон додааст. Аммо назари шахсии худи диссертант дида намешавад. Хуб мешуд, агар муалииф назари шахсии худро низ баён менамуд ва онро асоснок мекард.

3. Яке аз масъалаҳои мубраме, ки бевосита ба сиёсати забонӣ алоқаманд аст, ин рушди забони тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муқовимати он бар зидди ҳар гуна хатарҳо мебошад. Аммо мутаассифона дар кори диссертатсионии мазкур мушкилотҳои асосии забони тоҷикӣ дар шароити глобалӣ таҳлил нагардидаанд. Махсусан, омезиши забон ҳангоми

сӯҳбатҳо, истифодаи шакли ғалати калимаҳои арабӣ е эронитабор, ки махсусан аз тарафи рӯзноманигорон бисёр мушоҳида мегарданд.

4. Дар диссертатсия маъалаҳои имлои забони тоҷикӣ оварда шудааст, аммо ҷанбаҳои мусбӣ ва ё манфии тағйири пайдарпайи имлои забони тоҷикӣ мушаххас нагардидаанд. Хуб мебуд, ки ин маъалаи бисёр муҳим ва паҳлуҳои гуногуни он боз ҳам васеътар мавриди таҳлил қарор дода мешуд.

5. Дар параграфи сеюми боби дуюми диссертатсия дарёфти роҳу воситаҳои зиддиятҳо ва муқовиматҳои эҳтимолӣ оварда шудааст, аммо мутаассифона муаллиф дар таҳлили илмии ин қисмати кори диссертатсионӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст. Хуб мешуд, агар ин қисмати кори илмӣ боз ҳам васеътар омӯхта мешуд.

Новобаста аз эродҳои дар боло зикршуда, аз таҳлили умумии кори диссертатсионии Расулзода Р. хулоса намудан мумкин аст, ки ӯ аз доираи васеи адабиётҳои илмӣ, қонунунҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ, маводҳои таърихӣ, мақолаҳо ва дигар сарчашмаҳои мавҷуда ба таври васеъ истифода намуда, масъалаи сиёсати забониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ таҳлил намудааст. Дар диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти илмии гузаронидашуда ҷамъбаст гардида, хулосаҳо ва тавсеаҳои рушди забони давлатӣ ва ташаккули сиёсати забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи Расулзода Рухсора дар мавзӯи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд ва муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02. - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

Муқарризи дуюми расмӣ:
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Асомаддинов М.А.

Имзои Асомаддинов М.А.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур: — Абдуҳалимзода Н.А.

“5” июни с. 2024